# ХУЛОСАИ НИҲОИИ
# ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-012 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

Парвандаи аттестатсионии № 13

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 16.09.2023, № 13.2

Барои сазовор донистани Бобохонова Шаҳрбону Холназаровна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ.

Диссертатсияи «Ташаккул ва рушди бозори фуруши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) ба ҳимоя 16 сентябри соли 2023, суратмаҷлиси № 3.1 аз тарафи шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, № 12/шд таъсис ёфтааст, қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Бобохонова Шаҳрбону Холназаровна 13 сентябри соли 1974 таваллуд шудааст.

.

Соли 2004 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯйи ихтисоси молия ва қарз хатм карда, соҳиби тахассуси молиячӣ-иқтисодчӣ гаштааст.

Дар вазифаи муаллими калони кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

1. Ҷумъаев Баҳовиддин Маҳмадназарович -доктори илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;
2. Лутфулоев Мазбутджон Дадожонович - номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

Хулосаи мусбати додашудаи муассиса дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (энергетика)-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, суратҷаласаи № 1 аз 28.08.2023 баррасӣ гардида, аз тарафи раиси ҷаласа, мудири кафедраи иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (энергетика) Исмоилов М.И., эксперт - н.и.и. кафедраи иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (энергетика) Камилова Нигина Муҳамадавазовна ва котиби ҷаласа муаллими калони кафедраи иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (энергетика) Анушаи Мирзо имзо шуда,

аз тарафи ректори Донишгоҳи зикршуда д.и.и., профессор Давлатзода Қ.Қ. санаи 29.08.2023 тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи муқарраршудаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Бобохонова Шаҳрбону Холназаровна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба соҳаи хизматрасонӣ ва савдо, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзӯи диссертатсия 22 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад:

[1-М]. Бобохонова, Ш.Х. Рушди бозори фурӯши барқ бо истифода аз манбаъҳои хурди тавлиди нерӯ / Ш.Х. Бобохонова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. - № 1 (44). – С. 103-112

[2-М]. Бобохонова, Ш.Х. Таҷрибаи хориҷии ислоҳоти бозори савдои нерӯйи барқ [Матн] / Ш.Х. Бобохонова // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. - № 1 (35). – С. 281-294

[3-М]. Бобохонова, Ш.Х. Муҳити тиҷоратии фаъолияти субъектҳои бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Х. Бобохонова // Идоракунии давлатӣ. – 2023. - № 1 (60). – С. 140-150

[4-М]. Бобохонова, Ш.Х. Таҳлили имконияти ташкили бозори электроэнергетикии минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ [Матн] / Ш.Х. Бобохонова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. - № 2. – С. 378-386

[5-М]. Бобохонова, Ш.Х. Асосҳои консептуалии амалкунии бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ [Матн] / А.А. Мирзоалиев, Ш.Х. Бобохонова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. - № 2. – С. 52-59

[6-М]. Бобохонова, Ш.Х. Заминаҳо ва хусусиятҳои ташаккули бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ [Матн] / Ш.Х. Бобохонова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. - № 1. – С. 142-152

[7-М]. Бобохонова, Ш.Х. Эффективность применения низкопотенциальных возобновляемых источников энергии в странах центрально-азиатского региона [Текст] / А.С. Джафаров, З.В. Кобули, Ш.Х. Бобохонова, Х.И. Каюмова // Вестник Технологического университета Таджикистана. – 2020. - № 3 (42). – С. 30-39

[8-М]. Бобохонова, Ш.Х. Татбиқи инноватсияҳо дар бозори фурӯши барқ / А.А. Мирзоалиев, Ш.Х. Бобохонова [Матн] / Тамоюлҳои муосири байналмилалишавӣ ва масъалаҳои таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ / Маҷмуаи маводи

конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ (ш. Душанбе, 27 майи соли 2023). – Душанбе: ДБССТ, 2023. – С. 139-145

[9-М]. Бобохонова, Ш.Х. Фаъолияти субъектҳои бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Х. Бобохонова / Ҳуқуқ ва иқтисод: масъалаҳои мубрами ҳуқуқи тиҷоратӣ ва амнияти иттилоотӣ / Маводи конференсияи III байналмилалии илмию амалӣ (ш. Душанбе, 28 апрели соли 2023). – Душанбе: ДДТТ, 2023. – С. 70-76

[10-М]. Бобохонова, Ш.Х. Нақши захираҳои обӣ дар пешрафти иқтисодӣ-иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Х. Бобохонова / Энергияи сабз ва ҳифзи экосистемаҳои табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маводи конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Кӯлоб, 31 марти соли 2023). – Кӯлоб: ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, 2023. – С. 238-242

[11-М]. Бобохонова, Ш.Х. Омилҳои ба рушди бозори фурӯши барқ таъсиррасон [Матн] / Ш.Х. Бобохонова / Масъалаҳои мубрами иқтисоди меҳнат ва идоракунии кормандон / Маводи конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 30 марти соли 2023). – Душанбе: ДДТТ, 2023. – С. 243-248

[12-М]. Бобохонова, Ш.Х. Мавқеъгирии стратегӣ дар бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ [Матн] / Ш.Х. Бобохонова / Танзими давлатии зиддибӯҳронии бахши воқеии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар / Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 26 сентябри соли 2022). – Душанбе: ДБССТ, 2022. - С. 96-101

[13-М]. Бобохонова, Ш.Х. Анализ современного состояния рынка электроэнергетических услуг Республики Таджикистан [Текст] / Ш.Х. Бобохонова / Вопросы управления и экономики: современное состояние актуальных проблем / Сборник статей по материалам LXI-LXII международной научно-практической конференции (г. Москва, август 2022). – № 7-8 (56). – М.: Изд. Интернаука, 2022. - С. 17-26

[14-М]. Бобохонова, Ш.Х. Сохтор ва хусусиятҳои амалкунии бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Х. Бобохонова / Иқтисодиёт, молия, ҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит: афзалиятҳои рушди стратегӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ / Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ (ш. Душанбе, 21-23 майи соли 2022). – Душанбе, матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2022. – С. 496-501

[15-М]. Бобохонова, Ш.Х. «Энергияи сабз» ва рушди устувори он [Матн] / Ш.Х. Бобохонова / Маводи конференсияи илмӣ-назариявии устодон ва шогирдони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (ш. Кӯлоб, 6 майи соли 2022). – Кӯлоб: ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, 2022. – С. 88-94

[16-М]. Бобохонова, Ш.Х. Заминаҳои таърихии пайдошавии бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов, Ш.Х. Бобохонова / Рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт / Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 26 марти соли 2022). – Душанбе: ДБССТ, 2022. – 276 с., с. 244-247

[17-М]. Бобохонова, Ш.Х. Ташаккули бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Х. Бобохонова / Рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт / Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 26 марти соли 2022). – Душанбе: ДБССТ, 2022. – 276 с., с. 149-153

[18-М]. Бобохонова, Ш.Х. Проблемы ТЭК Республики Таджикистан и его возможности [Текст] / Ш.Х. Бобохонова / Сборник научных статей Российско-Таджикского (славянского) университета. – Душанбе: Российско-Таджикский (славянский) университет, 2021. – С. 68-74

[19-М]. Бобохонова, Ш.Х. Таъмин ва сарфаи электроэнергия дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Х. Бобохонова / Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ (ш. Кӯлоб, 24 апрели соли 2020). – Кӯлоб: ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, 2020. – С. 202-203

[20-М]. Бобохонова, Ш.Х. Экономически эффективные запасы гидроэнергоресурсов Таджикистана и их технические возможности [Текст] / Ш.Х. Бобохонова / Проблемы обеспечения стабильного и сбалансированного развития в мировой экономике: тенденции и перспективы / Материалы международной научно-практической конференции (г. Душанбе, 2019 г.). – Душанбе: ИПС, 2019. – С. 80-83

[21-М]. Бобохонова, Ш.Х. Идоракунии самараноки захираҳои обӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Х. Бобохонова / Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ / Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ (ш. Кӯлоб, 26-27 апрели соли 2019). – Кӯлоб: ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, 2019. – С. 26-29

[22-М]. Бобохонова, Ш.Х. Устойчивость развития энергетической сферы Республики Таджикистан и ее проблемы [Текст] / Ш.Х. Бобохонова, М. Сафаров / Роль и значение инвестиции в развитии национальной экономики / Материалы республиканской научно-теоретической конференции (г. Куляб, 27-28 апреля 2016 года). – Куляб: Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки, 2016. – С. 125-133

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо зерин ворид шуданд:**

1. Комилов Абубакр Қосимович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бо чунин эродҳо: 1.Дар қисмати назариявии автореферат мавқеъи муаллиф оиди бозори фуруши барқ кам ба назар мерасад, яъне ихтилофи назарҳои муаллиф дида намешавад. 2.Дар зербоби 1.3, ки сухан сари масъалаи таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ меравад, бояд мушаххасан мавриди таҳлил қарор бигирад, то ин ки кадом таҷрибаи кишварҳо ба шароити кишвари мо хос мебошад ва кадом дастовардҳои пешқадами онро дар шароити ҷумҳурии мо амалӣ кардан ба мақсад мувофиқ ва имконпазир аст;

2. Шарипов Баҳром Маҳмудович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо чунин эродҳо: 1.Дар боби сеюми автореферати диссертатсяи дурнамои рушди бозори миллии фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯзорӣ карда шудааст, аммо ягон дурнамоиҳои оиди фуруши барқ таҳқиқ нашудааст. 2.Бисёр ба маврид мебуд агар муаллиф дар кори диссертатсионии худ назарпусиро миёни аҳолӣ оиди нархи фуруши барқ мегузаронид ва натиҷаи ин назарпусиро дар автореферат ҷой мекард.

3. Фасеҳзода Ислом Саймирзо – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, директори Пажуҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо чунин эродҳо: 1.Муаллиф дар ҷадвали 1– қарздории дебитории ШСХК «Барқи Тоҷик», -ро дар солҳои 2015-2022 таҳлил кардааст, аммо мутаасифона соли 2022-ро нисбати соли 2015 қиёс накардааст, ва сабабҳои афзоиш ва ё камшавии қарзҳои дебитории ШСХК «Барқи Тоҷик аз

назари муаллиф дур мондааст. 2. Дар авторефрерат муҳтавои амсилаи рушди бозори фурӯши барқ дар расми 5 нишон дода шудааст, аммо унсурҳои таркибии он мушаххас тавзеъ дода нашудааст.

4.Акилҷонов Фуркат Шарипович – дотсенти кафедраи иқтисодиёти байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ бо чунин эродҳо: 1. Бисёр ба маврид мебуд дар қатори таҳқиқи дигар паҳлуҳои илмии мавзӯи таҳқиқшаванда ба лоиҳаи байниминтақавии CASA-1000 маълумоти бештар дода мешуд. 2.Дар автореферат муаллиф омилҳои ба бозори фурӯши барқ таъсиррасон хеле ба маврид нишон додааст, хуб мешуд ҳар яке аз омилҳоро шарҳу тавзеҳ медод.

5. Раҳимов Пайрав Саидович – номзади илмҳои иқтисодӣ, декани факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, бо чунин эродҳо: 1.Муаллиф дар расми 3 якчанд субъектҳоеро зикр карданд, ки онҳо вазифаҳои муайянеро дар бозори фурӯши барқи Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро мекунанд, аммо ин сохторҳо кадомаш кадом вазифаро иҷро мекунанд норавшан аст. 2.Маълумот дар бораи фаъолияти субъектҳои асосии бозори фурӯши барқ ба таври васеъ оварда нашудааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- масъалаҳои назариявӣ ва методии рушди фаъолияти субъектҳои бозори фурӯши барқ дар шароити муосир аниқ карда шуда, таъсири он ба баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ муайян гардидааст;
- омилҳо ва меъёрҳои асосии ба раванди фаъолияти субъектҳои бозори фурӯши барқ таъсиррасон муқаррар гардида, нишондиҳандаҳои арзёбии сифати хизматрасонӣ таҳия карда шудааст;
- самтҳои афзалиятноки татбиқи технологияҳои рақамӣ дар субъектҳои савдои чакана асоснок ва пешниҳод шудаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ҷанбаҳои назариявӣ ва асосҳои консептуалии ташаккули бозори фурӯши барқ, муайян кардани хусусиятҳои амалкунии он дар замони муосир баррасӣ шудаанд;
- *вобаста ба предмети таҳқиқот* усулҳои коркарди омории маълумот, таҳлили коррелятсионию регрессионӣ, усули муқоисакунӣ, шаклҳои ҷадвалии гузаронидани таҳлил истифода шудаанд;
- вазъи муосири иқтисодии соҳаи таъминот бо нерӯи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири муайян намудани заминаҳои рушди бозори фурӯши барқ дар мамлакат арзёбӣ шудаанд;
- омилҳо ва самтҳои рушди бозори фурӯши барқ дар асоси истифодаи манбаъҳои хурди тавлиди нерӯйи барқ муайян карда шудаанд;
- амсилаи рушди бозори фурӯши барқ дар шароити тағйирёбии иқлим ва равандҳои ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодӣ таҳия гардидааст.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ба дастовардаи унвонҷӯ чунин тасдиқ мегардад:**

- *муқаррароти асосӣ* ва натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти ФҶСК “Шабакаҳои тақсимоти барқ”дар шаҳри Кӯлоб, “Шабакаҳои барқии шаҳри Кӯлоб” ва дар раванди таълим дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ татбиқ гардидааст;

- *самтҳои асосии* илман асоснокгардидаи таҳқиқ метавонанд аз ҷониби мақомоти дар соҳаи танзими бозори фурӯши барқ ваколатдор, соҳибмулкон ва роҳбарони корхонаҳои фурӯши барқ барои амалисозӣ дар фаъолияти худ ба кор бурда шаванд. Татбиқи амалии муқаррароти таҳиягардида имкон медиҳад, ки самаранокии фаъолияти корхонаҳои фурӯши барқ баланд бардошта шавад.

**Арзёбии саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор менамояд, ки:**

- хулоса ва тавсияҳо бо таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтааст;

- *ғояи* таҳқиқот аз таҳлили дастурҳо, баромадҳо ва паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи оморӣ ва таҳлилии вазорату идораҳои дахлдор, маводи конференсҳо ва дигар маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ сарчашма мегиранд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зоҳир мегардад, ки:**

- татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба сатҳи такмилдиҳии назария ва амалияи рушди фаъолияти субъектҳои бозори фурӯши барқ ва мақомоти танзимкунандаи соҳаи электроэнергетика дар шароити иқтисоди бозорӣ мусоидат мекунад;
- хулоса ва пешниҳодоти муаллифи диссертатсия дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳангоми тартиб додани барнома ва дастурҳои таълимӣ аз рӯйи фанҳои соҳавии иқтисодӣ – «Иқтисодиёти электроэнергетика», «Фаъолияти тиҷоратӣ» ва «Идоракунии лоиҳаҳо» ва ғайра татбиқ шудаанд;
- муқаррароти асосии диссертатсия дар 22 кори илмӣ, аз он ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд;
- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ тӯли солҳои 2016-2023 баргузор гардидаанд, аз тарафи муаллиф маърӯза гардидаанд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 16 сентябри соли 2023 қарори сазовор донистан Бобохонова Шаҳрбону Холназаровна бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шуро 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла доктори илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

**Раиси шӯрои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент** **Шаропов Ф.Р.**

**Котиби илмии шӯрои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент** **Толибов Қ.Қ.**

**Санаи барасмиятдароии хулоса 18.09.2023**